**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

28 феврали соли 2024 № 23/КТ ш. Душанбе

**оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзуи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули “иқтисоди сабз”: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мутобиқи банди 58-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267, бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзуи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули “иқтисоди сабз”: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Аминов И.;
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷамшедов М.;
   - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қурбонзода М.Р.
3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати 30 рӯз ба Шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии комиссияро дар бораи мутобиқати мавзӯъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Қодирова З.Ҳ**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** **Толибов Қ.Қ.**